«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., дотсент
_____________ Назарзода Х.Х.
«_15_» ______11______ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсия Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» дар кафедраи фаъолияти гумрукии факултети Иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Турсунов Хушруз Муталибович соли 2010-ум Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи тахассуси менеҷери фаъолияти гумрукӣ хатм намудааст. Соли 2010-2013 ҳамчун ассистенти кафедраи экспертизаи молҳо ва фаъолияти гумрук ва аз соли 2013 то ин ҷониб дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ ҳамчун ҳамкор фаъолият дорад.

Мавзӯи диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 05 июли соли 2019, протоколи №11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Абдурасул Иброҳимҷонович.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва аз руйи ихтиссос 08.00.06.04 Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо супорида шудаанд

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» хулосаи зерин бароварда шуд:

***Мубрам будани мавзӯи диссертатсия***

Бо назардошти гузариши ҷумҳурӣ ба давраи муносибатҳои бозории рушдкунанда, методҳо ва принсипҳои идоракунии иқтисодиёт, бахши иқтисодиёти берунӣ ва умуман муносибатҳои иқтисодии берунӣ тағйироти қатъиро тақозо мекунанд. Ин пеш аз ҳама ба иҷрои «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2020» вобаста аст, ки мақсади он мусоидат ба иҷрои сиёсати иқтисодии берунӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, зиёд намудани ҳаҷмҳои содироти ғайри ашёи хом, коҳиш додани таносуби молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии воридот мебошад. Аммо, таҳлили фаъолияти иқтисодии берунии солҳои охир шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз дар бахши воқеии иқтисодиёт муҳити тавонои соҳибкорӣ таъсис дода нашудааст. Қисми зиёди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии берунӣ барои иштироки фаъолона дар алоқаҳои берунӣ таҷрибаи кофӣ ва сатҳи дониши лозимаро надоранд ва он аз доираи иқтисодиёти миллӣ берун мемонад. Ғайр аз ин, аксари онҳо барои амалисозии манфиатҳои худӣ ва мақсадҳои умумии хосияти савдоӣ-тиҷоратидошта маҳдуд карда шудаанд, ки бисёр вақт бо манфиатҳои давлат дар соҳаи бехатарии иқтисодии ҷумҳурӣ мутобиқат намекунанд. Дар ин шароит эҳтиёҷот ба вазифаи танзимкунанда ва назораткунандаи давлат баландтар мегардад. Ба ин масъалаҳо бояд Вазорати савдо ва рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шаванд.

Аз ин ҷо, зарурати махсуси муайян кардани нақш ва мақоми Хадамоти гумрук дар низоми идоракунии фаъолияти иқтисодиёти берунӣ, шомил намудани он ба низоми ҳамкории байниҳамдигарӣ бо мақомоти дигари блоки иқтисодии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ дар ин раванд пайдо мегардад.

Имрӯзҳо, ҳанӯз ҳам камбуди мутахассисҳои баландихтисос дар соҳаи фаъолияти гумрук ва кадрҳои идоракунӣ мушоҳида мешаванд, ки ин бозбинии сиёсати кадрии низоми гумрукро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, сатҳи пасти кори механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук ба назар мерасад, ки ба такмил додан ниёз дорад. Ҳамаи ин масъалаҳо муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотро муайян мекунанд.

***Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия***

Диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

***Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ***

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир ва баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо дар мақомоти гумрукӣ ҷумҳурӣ, инчунин баланд бардоштани механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук робита дорад.

***Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

*А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*


1. Мирсаидов А.Б., Турсунов Х.М. К вопросу теорий таможенной системы // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). - 2019. - № 6. – С.10-18. - ISSN-2413-5151.
2. Турсунов Х.М. Механизмҳои иқтисодии идоракунии низоми гумрук // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ) - 2021, № 2 (12). - С. 38-44. - ISSN-2219-5408.

3. Турсунов Х.М. Ҳолати таъминоти молиявии идоракунии фаъолияти низоми гумруки Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). - 2021, № 2 (12). - С. 45-51. - ISSN-2219-5408.
4. Турсунов Х.М. Мукамалгародонии механизми иқтисодии идоракуни низоми гумрук // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). - 2021. - №4 (38). - ISSN-2308-054X.
5. Турсунов Х.М., Ҷабборов А.И. Содержание механизмы управление таможенной системы // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). - 2021. - №4 (38). - ISSN-2308-054X.

*Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:*

1. Одинаев Ф., Турсунов Х. «Проблемы повышения экспортного потенциала в Республике Таджикистан» // Маҷалаи мақолаи илмӣ-назариявии олимон, муҳақиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, с222-224.
2. Юдичева О.П., Турсунов Х.М. «Значение безопасности продовольственных товаров на современном этапе развития товароведения» / Современная торговля: Теория, практика, перспективы Первой международной иновационной научно-практической конференции, г.Москва 12 марта 2012 г «Московский гуманитарный университет»-М издательство университета 2012г с1396-1399.
3. Ҷабборов А.И., Турсунов Х.М. «Конкуренция как закономерность рыночной экономики»/ Полтавский университет экономика и торговля материалы 6 международной научно-практической конференции г. Полтава 2012г с23-25.
4. Турсунов Х.М., Вишневецуая П.И. «Анализ импорта легковых автомобилей в Согдийкую область Республики Таджикистан»/ Полтавский университет экономика и торговля сборник научный статей магистров г. Полтава 2011-2012г с86-92.
5. Турсунов Х.М., «Регулирование внешнеэкономической деятельности как основная задача таможенной политики Таджикистана на современном этапе»/ Белгородский университет кооперации, экономики и права/ тезисы, докладов международной научно-практической конференции профессорско-го-преподавательского состава и аспирантов 2012г с237-239;
6. Турсунов Х.М., «Развитие сетевого взаимодействия»/ 18-я межвузовская Всероссийская научно-практическая конференция/ Сибирский государ-

ственный университет телекоммуникаций и информатики г. Хабаровск 2017г, с 502-504.

7. Турсунов Х.М., «Характеристика деятельность таможни международного Аэропорта г. Душанбе» Полтавский университет экономика и торговля материалы 4-я международной научно-практической интернет-конференции г. Полтава 2017г с422-424.
8. Турсунов Х.М., «Сетевое взаимодействие как резерв инновационного развития»/Юго-Западный государственный университет (Россия) г Курск 2017г с 96-97.
9. Мариана И., Турсунов Х.М. «Global overview on logistiks industry key trend and scenarios of further development»/ Институт финансы, экономика и менеджмента г. Полтава 2018г с45-46;
10. Турсунов Х.М., «Порядок заполнения грузовой таможенной декларации в соответствии с таможенным законодательством Республики Таджикистан»/ 5-я международной научно-практической интернет-конференции г. Полтава 2018г с368-371.

***Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо***

Аз он иборат аст, ки ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии дар диссертатсия мавҷудбударо роҳбарони мақомоти гумрук метавонанд барои такмили воситаҳои идоракунии фаъолияти гумрукӣ, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии идоракунии низоми гумрук мавриди истифода қарор диҳанд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон ҳангоми омода намудани маҷмӯи лексияҳо оид ба фанҳои «Кори гумрук», «Бехатарии иқтисодӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», Идоракуни дар мақомоти гумрук ва ғайраҳо, инчунин дар макотибы олии соҳаи иқтисодӣ ва факултаҳои гумрукӣ макотиби олии ҷумҳурӣ истифода кард.

***Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ***

Дар ҳама давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст: ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Мавзӯи мазкур бори нахуст дар донишгоҳҳои кишвар мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифта, такмили механизмҳои идоракунии низоми гумроукро дар асоси механизмҳои иқтисоди ошкор шудааст.

**Қарори маҷлиси муштарак:**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо); тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷабборов А.И.; баромади муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаев П.Д. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шаропов Ф.Р., ҳамчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Нидоев Н.Ф. маҷлиси муштараки кафедраҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович

*қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Турсунов Хушруз Муталибович дар муддати на зиёд аз 10 рӯз мактуби ҳамроҳ, нусхаи протокол ва хулосаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди диссертатсия ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 23 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 23 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 08 ноябри соли 2022, протоколи № 8 қабул шудааст.

Раиси маҷлис:
Декани факултети иқтисодиёт
ва тиҷорат, н.и.и., дотсент Мухторзода С.С.

Муқарризи холис
д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д.

Муқарризи холис
д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.

Котиби маҷлис:
н.и.и., дотсент Султонов З.С.

*Имзоҳои Мухторзода С.С., Хоҷаев П.Д., Шаропов Ф.Р. ва Султонов З.С.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.